Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев 17/6)

**Тақризи**

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Бо назардошти рушди забон ва ғанӣ гардидани захираи луғавии он аз ҳисоби воҳидҳои мураккаби луғавӣ, дуруст дарк намудани мазмуну муҳтаво ва воситаҳои муҳими тарҷумаи онҳо як қатор мушкилиҳои лексикӣ ва тарҷумавиро ба миён меоранд, ки дар натиҷа таркиби луғавии забон ба тағйирот дучор мегардад. Муайян намудани омилҳои тағйироти таркиби луғавии забон яке аз вазифаҳои асосии забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар як забон аз ин лиҳоз хусусияти худро дорад. Аз ҷумла, забони англисӣ ҳамчун забони серистифодатарини дунё роҳу воситаҳои хоси ташаккули калимаҳои нав, алахусус калимаҳои мураккабро дорад, ки дар раванди забономӯзӣ ва тарҷума дар чаҳорчӯбаи забонҳои муқоисашаванда мушкилиҳои махсус эҷод мекунанд. Дар ҳақиқат, калимаҳои мураккаби забони англисӣ қабати лексикии хоси ин забонро ташкил намуда, дар катори роҳу воситаҳои калимасозии муштарак нисбат ба забони тоҷикӣ аз падида ва анъанаҳои хоси калимасозӣ ва корбурди калимаҳои мураккаб бархурдор аст, ки дар забони тоҷикӣ ҳамтои худро надорад ва ба сифати тарҷумаҳо таъсири худро мерасонанд. Гузашта аз ин, калимаҳои мураккаб, махсусан навъҳои хоси як забон дар назария ва амалияи тарҷума ба гурӯҳи воҳидҳои мураккаби луғавии бемуодил дохил карда мешаванд, ки омӯзиш ва таҳқиқи онҳо кӯшишҳои махсусро тақозо менамояд. Новобаста аз оне ки шумораи

назарраси корҳои илмӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни калимасозӣ ба анҷом расонида шудаанд, вале бо мурури замон забон рушд мекунад ва воҳидҳои он аз нигоҳи сохтор ва маъно тағйир меёбанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» зарурӣ ва аҳамиятнок ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти мазкур фарогири муқаддима, 3 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва дар умум 181 саҳифаи чопи комютерӣ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми шахсии муҳаққиқ, асосҳои назариявӣ ва методологияи таҳқиқот, натиҷаҳои таҳқиқот, сохтори диссертатсия ва дигар нуктаҳои асосӣ инъикос ёфтаанд.

Забони муосири англисӣ дорои воситаҳои гуногун ва махсуси ташаккулёбии калимаҳои мураккаб ва сохторҳои бо нимтире (дефис) сохташуда мебошад, ки ин ҳам яке аз вижагиҳои муҳими мавзуи диссертатсияи мавриди тақизи муҳаққиқ маҳсуб меёбад. Диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқоти муқоисавӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

Мақсади диссертатсия аз таҳлили раванди ташаккулёбӣ ва анъанаҳои истифодаи калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ ва роҳу воситаҳои интиқолии онҳо ба забони тоҷикӣ иборат мебошад.

Сарчашмаи мисолҳои таҳқиқотро матнҳои асарҳои бадеии нависандагони барҷастаи тоҷик ва англис, аз қабили Садриддин Айнӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Артур Конан Дойл, Роберт Люис Стивенсон, Шарлотта Бронте, Эрнест Ҳемингвей, инчунин аз фарҳангҳои дузабонаи англисӣ-тоҷикӣ, англисӣ-русӣ ва русӣ-англисӣ ташкил медиҳанд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муқоисаи низоми воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳанӯз пурра таҳқиқ нашуда, мавриди омӯзиши махсус қарор нагирифтааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур нахустин кӯшиш дар мавриди таҳлили муқоисавӣ-типологии низоми воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредори забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума ба ҳисоб меравад. Дар асл, сатҳи луғавии забон қишри бузурги низоми забонӣ аст, ки диққати ҷиддии забоншиносонро талаб мекунад.

Яке аз аҳамиятҳои амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки методология ва методикаи муайяни муқоисаи низоми воҳидҳои мураккаби забонҳои муқоисашанадаро ҳангоми омӯзиши падидаҳои лексикӣ ва лексикологии забонҳои гурӯҳҳои олмонӣ ва эронӣ истифода кардан мумкин аст. Инчунин мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ба муҳассилин барои бартараф намудани мушкилиҳои луғавӣ ва тарҷумавии калимаҳои мураккаби забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ кӯмак расонанд. Ғайр аз ин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсияро барои таҳия ва таълиф намудани корҳои хатми тахассусӣ ва хондани курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантон ва докторантон (PhD) истифода кардан мумкин аст, ки ин аз тарафи муҳаққиқ дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудани диссертатсия дарак медиҳад.

Саҳми шахсии муҳаққиқ дар он инъикос мегардад, ки муаллиф бори аввал воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисиро дар муқоиса бо забони тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума ва бо истифода аз диаграммаҳо ва таҳлили оморӣ мавриди таҳқиқоти махсус қарор додааст.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳаҷми 13 мақолаи илмӣ инъикос гаштаанд, ки он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия банашррасидаанд.

Дар боби якуми диссератсия “Асосҳои лингвистии омӯзиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ” масоили назариявӣ ва методологӣ баён гардидаанд, ки дар

раванди таҳқиқот онҳоро муҳаққиқ ба асос гирифтааст. Боби мазкур аз чор зербоб иборат буда, дар он доир ба сохтор, маъно, таркиб, воситаҳои сохташавии вожаҳои мураккаб, муносибату фарқият ва хусусиятҳои хоси воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ маълумот дода шудааст.

Дар боби дуюм “Таҳлии муқоисавии сохтор ва маънои воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ” таҳлили муқоисавии воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои мавриди назар аз рӯйи сохтор ва маъно гузаронида шудааст. Инчунин, усул ва воситаҳои ба амал омадани калимаҳои мураккаб дар забонҳои мазкур мавридибаррасӣ қарор гирифтааст, ки аз 2 зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми ин боб “Таҳлили муқоисавии сохтори воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷискӣ” сухан оид ба усулҳои гуногуни мураккабсозии калима дар ин забонҳо меравад ва таҳлили сохташавии воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ, ки тавассути нимтире (дефис) сохта шудаанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Калимаҳои мураккаб яке аз қисматҳои назарраси луғати фарҳангҳои забонҳоро ташкил медиҳанд. Онҳо тавассути яке аз қисматҳои калимасозӣ, яъне мураккабсозии калима сохта мешаванд. Ин усул дар забони англисӣ воситаи сермаҳсултарини калимасозӣ ба ҳисоб меравад.

Боби сеюм “Хусусиятҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ” унвон дошта, роҳу воситаҳои гуногуни тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредори забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дар асоси мисолҳо аз адабиёти бадеӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, доир ба назарияи тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ қайдҳо ба назар мерасанд ва аз 6 зербоб иборат аст.

Кори таҳқиқотии Сафарзода Рухангези Акбар дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу зербоб, хулоса, тавсияҳои илмӣ ва феҳристи адабиёт тибқи талаботи стандартҳои муосири таҳияи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо назардошти комёбиҳо ва хеле дақиқ таълиф шудани диссертатсия ва автореферат онҳо аз баъзе норасоиҳо низ орӣ нестанд:

1. Баъзе иқтибосҳои дар матни диссертатсия овардашуда ба шумораи дар рӯйхати адабиёт дарҷгардида мувофиқат намекунад (саҳ.68);
2. Агар барои дақиқ кардани фикру андешаи худ муаллиф хулосаи боби дуюмро ба таври рақамгузорӣ ишора мекард ба манфиати кор буд (саҳ.97);
3. Аз асари бадеии «Сарбозони бесилоҳ»-и Фотеҳ Ниёзӣ ҳамагӣ як ҷумла мисол оварда шудааст ва беҳтар мешуд дар баробари ворид кардани ин асар дар рӯйхати адабиёт ва ихтисораҳо мисолҳо аз он бештар мавриди таҳлил қарор мегирифтанд (саҳ.118);
4. Мисолҳои дар зербоби 3.5. Тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавии ихтисоршудаи забони англисӣ ба забони тоҷикӣ овардашуда мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд;
5. Дар баъзе аз саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (саҳ. 77, 91, 129).

Дар маҷмуъ, камбудиҳои ишорашуда ба аҳамияти таҳқикоти анҷом додашуда таъсири манфӣ намерасонанд, зеро онҳо ислоҳшаванда ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия шуда, мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифшудаи муалиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ

(6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Парвонахон Ҷамшедов

Имзои профессор Парвонахон Ҷамшедовро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси АМИТ Муродова М.

Суроғаи муқарризи расмӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикстон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 33, АМИТ
Телфон: (+992)919002053
Email: pjam78@mail.ru

«26» августи соли 2022